آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

16 январи соли 2021. Шанбе

№ 5 (14706)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПОЙТАХТАМОН ЗЕБОТАР МЕГАРДАД




**Президент Шавкат Мирзиёев 15 январ бо корҳои созандагие, ки дар шаҳри Тошканд анҷом дода мешавад, фаъолияти корхонаҳо шинос шуд.**

Соли 2020, ки озмоишҳои мураккаб овард, қафо монд. Ўзбекистон ба соли нав бо умед ва орзуҳои нав ворид шуд. Ҳамоҳанг ба ин дар ҳамаи соҳаҳо, маҳалҳо тағйироти мусбат ба амал меоянд.

Аз ҷумла, дар пойтахт корҳои созандагӣ идома доранд. Тавре ки маълум аст, дар кӯчаи Ислом Каримов дар маркази шаҳр барои Сенати Олий Маҷлис бинои нав омода карда мешавад. Тибқи лоиҳа, бинои шашошёна куллан таҷдид карда шуда, иншооти иловагӣ сохта мешаванд. Имрӯз коммуникатсияҳои муҳандисӣ насб карда мешаванд.

Сарвари давлат бо корҳое, ки дар ин ҷо анҷом дода мешаванд, шинос шуд.

Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон мақоми олии намояндагии давлатӣ буда, ҳокимияти қонунбарориро амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, кор дар Сенат ҳамеша «дар ҷӯшу хуруш аст». Ҳаёти палатаи болоӣ аз мубоҳисаҳо ва музокирот бой аст. Ҳайатҳои хориҷӣ низ бисёр ташриф меоранд. Гузашта аз ин, назорати парлумонӣ вазифаи муҳим ва бузург мебошад.

Дар бинои нав бо назардошти ҳамаи ин хусусиятҳо, барои аъзои палатаи болоӣ шароити муосиртарин фароҳам оварда мешавад. Аз ҷумла, барои ҷаласаҳои якҷояи ҳарду палатаи Олий Маҷлис толори 280 ҷой сохта мешавад. Он бо сабки миллӣ оро дода шуда, бо технологияи муосир муҷаҳҳаз хоҳад шуд.

Президент дар бораи фароҳам овардани шароит супоришҳо дод.

— Парлумони мо фаъолона кор мекунад. Ҳангоми ҷамъомадҳо лоиҳаи қонуни алоҳида соатҳо муҳокима карда мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки тамоми ҷанбаҳои марбут ба ҳаракат, саломатӣ, синну соли иштирокчиён ҳангоми ҷамъомадҳо ба назар гирифта шуда, шароити мувофиқ фароҳам оварда шавад. Агар ба толор нури офтоб афтад, он ба кайфият ва кор таъсири судманд мерасонад, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бинои нав инчунин барои мулоқот бо ҳайатҳо, нишастҳои матбуотӣ ва кори намояндагони ВАО тамоми имкониятҳоро фароҳам хоҳад овард.

Ҷавоҳирот маҳсулотест, ки дар тамоми ҷаҳон харидоргир аст. Далели ҳар сол 5-6 фоиз афзудани истеҳсоли ҷаҳонӣ ва беш аз 250 миллиард долларро ташкил додани ҳаҷми муомилоти он аз имкониятҳои азими ин соҳа шаҳодат медиҳад.

Дар мамлакати мо ба ин соҳа солҳои зиёд беэътиноӣ карда мешуд. Ҳаштод фоизи таҷҳизоти саноат кӯҳна шуда, қисме аз онҳо истеҳсолотро қатъ карда буданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомади 8 майи соли 2019 вазифа гузошт, ки истеҳсоли заргарӣ ба сатҳи саноатӣ бароварда шавад. Дере нагузашта, 18 май Фармони Президент «Дар бораи чораҳои рушди босуръати саноати заргарӣ дар Ҷумҳурии Ўзбекистон» қабул карда шуд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат барои ҷалби фаъоли сармояи хориҷӣ ба соҳа, дастгирии ҳамаҷонибаи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар истеҳсоли ҷавоҳироти рақобатпазир ва баландсифат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Яке аз натиҷаҳои ин кор корхонаи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Gold Moon Tashkent» буд, ки дар ноҳияи Чилонзори пойтахт ба фаъолият оғоз кардааст.

Роҳбари давлат бо фаъолияти ин корхона шинос шуд.

Барои татбиқи лоиҳа тақрибан 21 миллион доллари ИМА ҷалб карда шуд. Таҷҳизоти муосир аз ширкатҳои пешрафтаи заргарии Италия, Олмон ва Туркия оварда шудааст.

Бинобар суханони муовини директори ҶММ «Gold Moon Tashkent» Ҳикмат Маҳмудов, барои истеҳсоли ашёи гуногуни тайёр ва нимтайёр беш аз 200 нафар устоёни заргар ҷалб гаштаанд. Дар ҷараёни истеҳсолот ороишгар ва ходимони техникии итолиёвӣ ба заргарон асрори маҳорати худро меомӯзонанд.

Пас аз он ки лоиҳа пурра ба кор андохта мешавад, аз филизот ва сангҳои гаронбаҳо соле то 6 тонна ашёи заргарӣ истеҳсол мегардад.

Ба корхона ашёи хом аз корхонаҳои бузурги саноати кӯҳии мамлакатамон аз тариқи савдои биржа харид мегардад. Маҳсулоти заргарӣ зери тамғаи «Фонон» ба бозор бароварда мешавад.

Ба кор шурӯъ намудани ин корхона барои ҳунармандони маҳаллӣ низ шароит фароҳам овард. Корхона барои онҳо маҳсулоти нимтайёр мерасонад.

Инчунин дар бинои корхона фурӯшгоҳ низ ташкил гаштааст. Дар ин ҷо ашёҳои заргарии нафис, ҷозибанок ва баландсифат, ки барои ҳама манзур аст, ба фурӯш гузошта шудааст.

Дар дукони савдо аз ҷониби фурӯшандаҳо бинобар диди ҳар як харидор ва хоҳиши онҳо нодиртарин маҳсулоти заргарӣ тавсия мегардад.

Роҳбари давлат ҷараёни истеҳсолии корхонаро аз назар гузаронд ва бо ходимон мулоқот кард.

- Заргарӣ дар мардуми мо аз азал вуҷуд дошт ва ҳанӯз ҳам ҳаст, - гуфт Шавкат Мирзиёев. - Мақсади мо ҷавононро ба технологияи замонавӣ ва ороиш омӯзондан аст, камаш 10 ҳазор нафар ҷавононро бо кор таъмин намудан, ба бозори ҷаҳон баровардани тамғаи миллии Ўзбекистон аст. Дар диёрамон ашёи хом ва ҳунармандони дасташон гул ҳастанд. Ин соҳа аз нуқтаи назари барқарор намудани анъанаҳои миллӣ, худшиносӣ низ пойдевори мустаҳкам ба шумор меравад.

Корхона ашёҳои анъанавии заргарии моро бо ороиши Аврупо ва Италия боз ҳам ғанӣ гардонда, дараҷаи аслӣ ва сифатро кафолатнок намуда, аз роҳи зиёд намудани усулҳои суфтани тилло истеҳсол намудани зару зевари ғайриодатӣ, роҳандозии фурӯши тилло ва нуқра, бо истифода аз сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳои дар Ҳиндустон, Африқо ва Шри-Ланка бозтобёфта тавлиди зару заварро чун мақсади худ гузоштааст.

Имрӯз ба маҳсулот харидор зиёд гардида, ҷойи маҳсулоти хориҷиро мегирад. Маҳсулот ба Русия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва давлатҳои дигар содир мегардад.

Инкишоф додани соҳаи заргарӣ ва ҳамчунин истеҳсоли маҳсулоти қобили рақобат ва қобили содирот аз вазифаҳои устувор ба ҳисоб меравад. Ин корхонаи истеҳсоли заргарӣ дар Осиёи Марказӣ аз лиҳози ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот яке аз корхонаҳои бузург ба ҳисоб меравад.

Президент Шавкат Мирзиёев ба қарибӣ дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис қайд кард, ки имсол зиёда аз 5000 нафар беморони гирифтори норасоии шадиди гурда бори аввал бо хидмати ройгони гемодиализ фаро гирифта мешаванд, ки барои ин аз ҳисоби буҷа 140 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Роҳбари давлат бо сохтмони маҷмӯи нав — Маркази махсусгардонидашудаи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии тиббии нефрология ва трансплантатсияи гурда шинос шуд.

Шароити табиии кишвари мо яке аз омилҳои пайдоиши бемории гурда мебошад. Масалан, соли гузашта зиёда аз 118 ҳазор нафар дардмандони гирифтори бемориҳои кӯҳна таҳти назорати диспансерӣ қарор доштанд. Аз ин шумор, 23 ҳазор нафар аз норасоии доимии гурда ранҷ мебурданд ва беш аз 5 ҳазор ба гемодиализ эҳтиёҷ доштанд. Ин бунёд намудани инфрасохтори замонавии табобатиро тақозо менамояд.

Маркази тиббии дар ноҳияи Юнусободи пойтахт бунёдшаванда яке аз онҳост. Пештар дар ин ҷо беморхонаи нефрологии шаҳри Тошканд ҷойгир буд. Дар бинои фарсудашудаи беморхона шумораи ҷойҳо барои гемодиализ нисбат ба зарурат якчанд маротиба камтар буд ва аз ин рӯ имконияти бо ёрии баландсифати нефрологӣ таъмин намудани аҳолӣ хеле маҳдуд буд.

Мувофиқи Фармони Президент аз 12 июли соли 2018 «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани самаранокии ёрии нефрологӣ ва гемодиализ ба аҳолии Ҷумҳурии Ўзбекистон» дар назди шифохонаи мазкур Маркази ҷумҳуриявии махсусгардонидашудаи илмию амалии тиббии нефрология ва трансплантатсияи гурда таъсис дода шуд.

Дар гузашта диализаторҳо дар табобати гемодиализ борҳо истифода мешуданд. Ба туфайли эътибор ба соҳа аз моҳи ноябри соли 2019 барои беморони гемодиализ аз диализаторҳои як маротиба истифода мебурдагӣ шуданд. Ин як дастоварди инқилобӣ дар тибби мо буда, дар якбора баланд бардоштани сифати табобат, дароз кардани умри беморон, пешгирии бемориҳои гуногун, ки тавассути хун мегузаранд, нақши муҳим бозид.

Дар маркази нав пешрафтатарин хидматҳо дар табобати норасоии гурда ба роҳ монда шуд. Имрӯзҳо дар ин ҷо ду бинои нави табобатӣ сохта мешаванд. Соли равон биноҳои 3-4 ба истифода дода мешаванд. Биноҳои мавҷуда соли оянда таъмир карда мешаванд.

Шавкат Мирзиёев бо рафти сохтмон шинос шуд.

— Дар мамлакати мо нефрология ривоҷ наёфтааст. Хусусан дар минтақаҳо клиникаҳо ва мутахассисон намерасанд. Аксари беморон ба беморхона дар марҳилаҳои охири беморӣ муроҷиат мекунанд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, сатҳи дониш ва маърифати одамонро баланд бардоштан лозим аст. Зарур аст, ки дар Қароқалпоқистон ва вилоятҳо беморхонаҳо таъсис дода шаванд, ҳамкории онлайн бо ин марказ ба роҳ монда, шабакаи ягона ташкил карда, пешгирии мунтазам роҳандозӣ карда шавад, — гуфт Президент.

Оид ба ташкили таҳсил ва такмили ихтисоси духтуроне, ки дар минтақаҳо кор мекунанд, дар марказ, дастгирии давлатии беморон, ки вазъи молиявии онҳо барои табобат имкон намедиҳад, дастурҳо дода шуданд.

Бинои панҷошёнаи тиббӣ барои 170 кат пешбинӣ шудааст ва он шӯъбаҳои трансплантатсия, гемодиализ, барқарорсозӣ, детоксикатсияи экстракорпоралӣ, бемориҳои аутоиммунии гурда, нефрологияи интенсивӣ, шӯъбаи ҷонноккунии бачаҳо ва калонсолон, инчунин кафедраи нефрология, гемодиализ ва трансплантатсияи гурда, поликлиника ва дорухонаро дар бар мегирад. Ҳамаи шӯъбаҳо бо таҷҳизоти тиббии баландтехнологии замонавӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Дар корпуси дигари дуошёна 60 кати гемодиализ барои калонсолон ва кӯдакон ҷойгир карда мешавад. Бояд қайд кард, ки бори аввал дар марказ хидмати гемодиализи кӯдакон ба роҳ монда мешавад.

Дар натиҷаи корҳои сохтмонӣ ва таъмирӣ дар марказ сифати он беҳтар ва фарогирии ёрии тиббӣ васеъ карда мешавад. Зиёда аз 100 намуди хидматрасонии амбулаторӣ ва статсионарӣ пешниҳод карда мешавад. Аз ҷумла, ба нақша гирифта шудааст, ки дар як сол беш аз 60 ҳазор муолиҷаҳои гемодиализ, 150 трансплантатсияи нодири гурда ва дигар амалиётҳои олидараҷа гузаронида шаванд.

7 кафедраи донишгоҳҳои олии тиббӣ дар ин ҷо фаъолият нишон медиҳанд. Ин барои ҳамгироии «таълим — амалия — илм» дар соҳаи нефрология хидмат мекунад. Технологияҳои нав ва стандартҳои табобат дар ҳамкорӣ бо марказҳои пешқадами тиббии хориҷӣ таҳия ва дар амал татбиқ карда мешаванд.

Муассиса инчунин дар ҳамкорӣ бо дигар марказҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ ва беморхонаҳо дар минтақаҳо муоинаи мунтазами аҳолиро анҷом медиҳад.

Дар марказ дар ҳамкорӣ бо клиникаҳои пешрафтаи Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҳиндустон платформаи мубодилаи лоиҳаҳои илмӣ ва таҷриба офарида шуд. Имрӯзҳо дар ҳамкорӣ бо клиникаҳои Донишгоҳи Башкенти Туркия, Донишгоҳи Мангейми Олмон, Маркази илмию тадқиқотии тиббии трансплантология ва узвҳои сунъии ба номи академик В.Шумакови Русия дар ин марказҳо такмили ихтисоси кадрҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст.

Оиди дар оянда дар асоси шарикии давлатию хусусӣ ба кластери тиббӣ табдил додани марказ, рушди содироти хадамоти тиббӣ, ба минтақаҳои кишвар вобаста намудани марказҳои хориҷӣ, барвақт муайян намудан ва баланд бардоштани сифати табобат, хонондани ҳамшираҳои диализӣ супоришот дода шуданд.

Дар маҳаллаҳо мавҷуд будани шароити хушсифат, инфрасохтор ва хидматҳо омили муҳими сифат мебошад. Натиҷаҳои ислоҳот ва дигаргуниҳо пеш аз ҳама дар маҳалла зоҳир мешаванд.

Аз ин рӯ, Президент дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис таъкид кард, ки роҳбарони ҳамаи дараҷаҳо ба поён фуромада, корҳоро бинобар соҳаи худ дар маҳалҳо ташкил кунанд, мушкилотро омӯзанд, роҳҳои ҳалли онҳоро ёбанд. Ҳамзамон, барои васеъ гардондани ваколатҳои маҳалла, беҳтар намудани таъминоти моддии раис ва кормандони он ташаббусҳо ба миён гузошта шуда буданд.

Роҳбари давлатамон барои шинос шудан бо чунин корҳо ба ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Янгибоғ»-и ноҳияи Юнусобод ташриф овард.

Дар он тақрибан 7 ҳазор нафар, зиёда аз 2 ҳазор оила зиндагӣ мекунанд. Дар гузари маҳаллаи ба наздикӣ сохташуда шароити васеъ фароҳам оварда шудааст.

Бо фаъолони маҳаллаҳои ноҳияи Юнусобод суҳбат барпо гардид.

— Раиси маҳалла ин такягоҳи Президент дар зинаҳои поёнӣ мебошад. Агар мо иқтисоди маҳалларо тағйир диҳем, ҷомеаи мо низ тағйир хоҳад ёфт. Барои ин бояд ташаббусҳои ҷавононро дастгирӣ кард, аз барномаи «Ҳар як оила соҳибкор» самаранок истифода бурд, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Оид ба ташкили ширкатҳои идоракунӣ барои хидматрасонии босифат ба хонаҳои бисёрошёна, таъмири роҳҳои дохилӣ, васеъ кардани хизматрасонии аҳолӣ дастурҳо дода шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо ҳокимони ноҳияҳои шаҳри Тошканд, роҳбарони секторҳо, раисони маҳаллаҳои ноҳияи Юнусобод ва ҷавонон мулоқот кард.

Дар тамоми ноҳияҳои пойтахт низоми кори маҳаллабайъ ҷорӣ мегардад. Қайд гардид, ки бо ин мақсад аз ҷониби гурӯҳи махсуси корӣ дар ноҳияи Юнусобод дараҷаи рушди 63 маҳалла, мушкилоти мавҷуд ва имконот омӯхта шудааст.

Муовинони Сарвазир – вазири сармоя ва савдои хориҷӣ ва ҳам вазири тараққиёти иқтисодӣ ва кам намудани қашшоқии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар ин бора маълумот доданд.

Барномаи инкишофи маҷмӯии ноҳияи Юнусобод дар солҳои 2021-2022 таҳия гаштааст. Дар самти рушди саноат ва хидматрасонӣ 141-то лоиҳаи калон ва миёнаи сармоявӣ ба қимати умумии 14,4 триллион сӯм ташаккул ёфтааст. Дар доираи онҳо 936 миллион доллар сармояи хориҷии бевосита аз худ гардида, мақсад гузошта шудааст, ки қариб 8 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда шавад.

Бо мақсади ба соҳибкорӣ ҷалб намудани аҳолии бекор аз ҳисоби Фонди мадад ба таъмини шуғл 1 миллиард сӯм субсид ҷудо карда шуда, 260 нафар бошандаи ноҳия бо кор таъмин карда мешаванд. Дар асоси роҳхатҳои мақомоти меҳнат беш аз 600 нафар бекор ба касб ва ҳунар омӯзонда мешаванд.

Ривоҷ додани чорабиниҳои инфрасохтор низ муайян гаштааст. Хусусан соли ҷорӣ ба тӯли 75 километр шабакаи гармирасонӣ ва 108 километр барқ, дар 101 трансформатор корҳои таъмир ба амал бароварда мешавад. 86 кӯча аз таъмири асосӣ мебарояд.

Дар ҷамъомад раисони маҳаллаҳо дар бобати бартараф намудани мушкилоти ҳудудҳои худ, беҳсозии шароит, ташкил намудани корхонаҳои нав пешниҳодоти худро баён намуданд. Роҳбари давлат дар ин заминаҳо ба мутасаддиёни дахлдор супоришҳо дод.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**Абдулазиз МӮСОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ҶАЛБИ МУТАХАССИСОНИ ИХТИСОСНОК БА ТАШКИЛОТҲОИ БУҶЕТИИ МАҲАЛҲОИ ДУРДАСТ

Бо мақсади татбиқи вазифаҳое, ки дар Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 29 декабри соли 2020 муайян шудаанд, ҳавасмандгардонии минбаъдаи меҳнати мутахассисони дорои маълумоти олӣ, ки аз минтақаҳои дигар ба ташкилотҳои буҷавӣ дар ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар ба кор гузаштаанд, пурра кардани ҷойҳои холии корӣ, инчунин дар маҳалҳо фароҳам овардани шароити муносиби кор ва ҳифзи иҷтимоии кадрҳои баландихтисос:

1. Ба эътибор гирифта шавад, ки аз 1 январи соли 2021:

мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 6 ноябри соли 2020 № ФП-6108 «Дар бораи чораҳои рушди соҳаҳои таълиму тарбия ва илм дар давраи нави рушди Ўзбекистон» **мутахассисони дорои маълумоти олӣ** (минбаъд мутахассисони дорои маълумоти олӣ), ки аз дигар минтақаҳо **ба ташкилотҳои буҷавии дар ноҳияҳои дурдаст ҷойгиршуда** (минбаъд — ташкилотҳои буҷетӣ) ба кор гузаштаанд, ҷудо намудани кӯмаки якдафъаинаи ибтидоии молиявӣ **ба андозаи 50 баробари миқдори базавии ҳисобкунӣ бо пардохти ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ дар ҳаҷми дукаратаи** маблағи базавии ҳисобкунӣ барои иҷораи манзил пешбинӣ шудааст;

мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 12 ноябри соли 2020 № ФП-6110 «Дар бораи чораҳо оид ба татбиқи механизмҳои принсипан нав дар фаъолияти муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ва баланд бардоштани самаранокии ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ» ба **кормандони тиб** (минбаъд – кормандони тиб), ки дар дигар минтақаҳо зиндагӣ мекунанд ва дар давоми 3 соли охир муассисаҳои таҳсилоти олии тиббиро хатм кардаанд, ҳангоми ба кор қабул шудан ба бунгоҳи духтури оилавӣ ва поликлиникаҳои оилавӣ, ки дар ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар ҷойгиранд (минбаъд – муассисаҳои тиббӣ), ҷудо кардани **кӯмаки яквақтаи ибтидоии пулӣ ба маблағи 30 миллион** сӯм, ки манзил надорад — манзили хидматии истиқоматӣ ба мӯҳлати се сол ё **ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ дар ҳаҷми ду баробари** миқдори базавии ҳисобшуда пешбинӣ шудааст.

2. Муқаррар карда шавад, ки:

тахти ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар дар қарори мазкур қаламравҳое дарк карда мешаванд, ки бо қарори Девони Вазирон аз 7 июни соли 2019, № 471 тасдиқ шуда, дар он муассисаҳои таҳсилоти миёна ҷойгиранд, ки барои омӯзгорони ба онҳо ба кор гузашта, кӯмакпулии махсус муқаррар мекунад;

кӯмаки ибтидоии молиявӣ ва ҷубронпулии ҳармоҳаи пулӣ, ки бо қарори мазкур пешбинӣ шудаанд, ба даромади умумии андозсупорандагон дохил карда намешаванд ва **андозбандии андоз аз даромади шахсони воқеӣ намебошанд**;

имтиёзҳо барои гирифтани кӯмаки аввалияи пулӣ ва ҷубронпулии ҳармоҳаи пулӣ, инчунин беҳтар намудани шароити манзил **ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки ба ташкилотҳои буҷетӣ ба кор қабул шудаанд, аз ҷумла муассисаҳои тиббии дар ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар ҷойгиршуда, дар давоми се соли** пас аз хатми бакалавриат ё магистратура (новобаста аз шакли таҳсил – рӯзона, ғоибона, шабона, инчунин ихтисоси дуюм) татбиқ карда мешаванд;

(Давомаш дар саҳ.2).

**Таҳлил, танқид, таклиф**

## ҚОНУНҲОИ МО – ИНСОНПАРВАРОНА, ВАЛЕ БА СӮИИСТИФОДА АЗ ОНҲО НАБОЯД РОҲ ГУЗОШТ

***Вақтҳои охир дар бораи ташаккул дода шудани харитаи коррупсия, омодашавии платформаи электронии «E-Anitcor.uz» суханҳо ба миён омада ва таъкид меёбад, тавассути ин платформа фаъолияти идораҳои давлатӣ оиди мубориза алайҳи коррупсия ба таври кушод ва ҳамешагӣ мониторинг карда мешавад. Дар ин масъала, хусусан, Агентии мубориза алайҳи коррупсия таҳти ҳамдастӣ бо Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ самаранок кор мебарад.***

Маълум, ки шаҳрвандонамон нисбати ҳолатҳои коррупсионӣ, ки заҳрпечаки ҷамъиятро монанд, бетараф нестанд. Як қисми муайяни муроҷиатҳои онҳо ба идораҳои болоӣ доир ба ҳамин мавзӯст. Ташкилотҳои масъул дар болои ин гуна аризаҳо, албатта, кор мебаранд, ягон муроҷиат аз эътибор дур намемонад, вале қисме аз муроҷиаткунандагон ҳолатҳои оддии қонуншиканӣ ё гузаронда шудан ба судҳоро низ коррупсия мешуморанд. Аз ин рӯ дар болои ба тартиб андохтани муроҷиатҳо, кадом ҳолатҳоро фарогирии арзу шикоятҳо, айни замон, корҳо пеш бурда мешаванд. Платформаи махсусе, ки зикр карда гузаштем, мавҷуд будан ё набудани ҳолатҳои коррупсионӣ дар муроҷиати шаҳрвандонро низ дида мебарояд. Аз ҳама муҳимаш, шаҳрвандони мо дар муроҷиат ба идораҳои болоӣ аз имкониятҳои технологияи рақамноки асрӣ истифода бурда, ниятҳои худро таъҷилӣ ба амал бароварданашон мумкин. Сайт ва барномаҳои мобилӣ – дар хидмати онҳо. Муроҷиати худ ва ҳалли масъалаҳои дар он бардоштаашро шаҳрванд тавассути интернет назорат карда метавонад.

Фаъолнокии шаҳрвандон дар ин самт, болоравии малака ва маданияти ҳуқуқии онҳо имкон медиҳад дар мамлакатамон харитаи мубориза алайҳи коррупсия зудтар ба такомул рӯй оварад.

Маҳз дар асоси муроҷиати шаҳрвандон оиди он ки дар кадом вилоят чӣ қадар ҳолатҳои коррупсионӣ ба амал омадаанд, метавон маълумот пайдо кард, вобаста ба камию зиёдии ин ҳолатҳо рангҳои сабз ва сурх ба кор бурда мешаванд.

Хӯш, оиди ҳолатҳои коррупсионии вилоятҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020 мониторинг чиро нишон дод?

Маълум мешавад дар қисме аз вилоятҳои ҷумҳурӣ тӯли соле, ки сипарӣ гашт, ин гуна ҳолатҳо зиёд ба вуқӯъ омадаанд. Масалан, дар вилоятҳои Тошканд, Фарғона, Самарқанд ва Қашқадарё.

Бачашмрасии ҳолатҳои номатлуб, ҷиноятҳои вобаста ба коррупсия, ки аз иллатҳои ҷамъиятист, албатта,ммаро ба ташвиш мегузорад. Ҷаҳдҳо дар роҳи решакансозии ин иллат бошанд, айни замон, самара мебахшанд. Ҷинояткорон дастгир ва фош, пул ва бойигариҳои ғайриқонунӣ ба даст овардаи онҳо ба хазинаи давлат баргардонда мешаванд. Назар ба таъкиди ходими масъули Агентии мубориза алайҳи коррупсия Ўткирбек Назарбеков, нисбат ба солҳои 2017-2019 дар соли 2020 ба буҷаи давлатӣ маблағҳои зиёдтар баргардонда шудаанд.

Мубориза алайҳи коррупсия вазифаи ин ё он идораи алоҳида не, вазифаи умумии идораҳои ҳуқуқу тартибот, айни замон, кори умумихалқист, яъне вазифаи ҳама ва ҳар кас аст.

Акнун шаҳрванде, ки дар бораи қонуншиканиҳо вобаста ба ҳолатҳои коррупсионӣ ба ҷойҳои даркорӣ хабар мерасонад, чун шахсе, ки дар решакансозии иллат саҳм гузоштааст, рағбатнок гардонда мешавад. Низоми махсус дар ин самт тасдиқи худро ёфтааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

Тошканд—2025

# Омодагӣ ба бозиҳои варзишии олимпии Осиё

**Ба наздикӣ дар Сарассамблеяи шӯрои олимпии Осиё, ки дар шаҳри Маскати Салтанати Уммон бургузор шуд, расман эълон гардид, ки соли 2025 дар Тошканд байни ҷавонон бозиҳои варзишии олимпии Осиё сурат хоҳад гирифт.**

Дар ин сабқати бонуфуз ҷавонон аз 45 давлати қитъаи Осиё бино ба 20 намуди варзиш зӯрозмоӣ мекунанд. Дар мусобиқа иштироки беш аз 5000 нафар меҳмон пешбинӣ шудааст.

Корҳои омодагӣ ба мусобиқа оғоз ёфтаанд. Ҳоло дар ҳудуди хушманзараи ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд рӯйи бунёди маҷмаъи бузург — Маркази омодагирии олимпӣ, ки дар як вақт бояд чанд ҷамоаи мунтахабро қабул карда тавонад, кор бурда мешавад.

Маркази мазкур, ки дар бараш беш аз 400 нафарро гунҷонда метавонад, бо таҷҳизоти замонавии варзишӣ ҷиҳозонида хоҳад шуд.

Ин масъалаҳо дар нишасти матбуотие, ки бахшида ба ҷамъбасти солонаи соли 2020-и Кумитаи миллии олимпӣ баргузор шуд, ҳамаҷониба мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

***Бо иқдоми ҳокимияти ноҳияи Бешариқ як гурӯҳ ҷавонон нозукиҳои соҳибкориро меомӯзанд. Онҳо аз зумраи ҷавононеанд, ки ба далели бекор монданашон дар "Дафтари оҳанин" сабти ном шудаанд. Барои ҳамин ҳокимияти ноҳия барои бо кор таъмин кардани онҳо ҷиддан талош меварзад.***

# ҶАВОНОН БА СОҲИБКОРӢ РӮЙ МЕОРАНД



Дар ин маросим ҷавонон бо саволҳои худ муроҷиат карданд. Муҳтавои саволҳо аз он иборат буд, ки роҳу усулҳои рушду ривоҷи соҳибкорӣ кадомҳоанд ва чӣ тавр метавон дар ин мавриди ҷавонон ба қуллаи мурод расанд ва комёб шаванд.

– Давраи омӯзишӣ ва ҳосил намудани таҷрибаро ҷавонон дар биной "Мономарказ"-и ноҳия шурӯъ намуданд. Шиори ин чорабинӣ "Ҳар як соҳибкор – ба ҳар ҷавон мададгор" унвон гирифтааст. Дар ин рӯзҳо ҷавонон бо шавқи том ба омӯзиш машғуланд, – мегӯяд ноиби ҳокими ноҳия оид ба сиёсати ҷавонон, ривоҷи иҷтимоӣ ва корҳои маънавию маърифатӣ Отабек Алиматов.

Ӯ илова кард, ки дар ин давраи омӯзишӣ барои ҷавонон соҳибкороне дарси маҳорату таҷриба мегузаранд, ки аллакай дар ин ҷода хеле пешрафт кардаанд, баъзеи онҳо ҳатто ба содири маҳсулоти худ ноил шуда, даромади зиёд ба даст овардаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Сехи дӯзандагии «Navbahor kasaba chevarlari» ба қарибӣ дар ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ фаъолияти худро ба роҳ монд. Ба лоиҳаи он аз ҷониби «Халқ банки» 4 млрд. сӯм кредит ва 2 млрд. сӯм маблағи ташаббускорон ҷалб шудааст. Корхона 10 намуди маҳсулоти либосворӣ ва трикотажӣ истеҳсол мекунад. Дар сехи мазкур 400 нафар занону духтарони маҳаллаи Қалқонотаи ноҳия меҳнат мекунанд.*

***Дар сурат:** дар сехи «Navbahor kasaba chevarlari».*

***Суратгир: С.АСЛОНОВ (ЎзА).***

# Муҳофизи Ватан мешавам

***Алҳол маҳз туфайли ҳушёрии сарбозони ҷасуру диловари Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон дар диёри обод ва озодамон халқ дар оромиву осоиштагӣ зиндагӣ мекунад. Ҳоло дар кишвари мо нафақат мардон, ҳатто занону духтарон низ дар Нирӯҳои Мусаллаҳ ҳамчун муҳофизони Ватан адои вазифа мекунанд.***

Камина аз хурдсолиам занону духтарони либоси ҳарбипӯш дида, ба онҳо бо ҳавас нигоҳ мекардам. Дар дилам барои муҳофизи Ватан шудан меҳр пайдо шуда буд.

Дар мактаби таҳсили ҳамагонии рақами 40-уми ноҳияи Чуст таҳсил мекардаму баробари фанҳои дигар ба физика ва математика шавқи баланд доштам. Бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ шуғл меварзидам.

Баъди хатми синфи 8-уми мактаби номбурда бе ҳеҷ дудилагӣ ҳуҷҷатҳоямро ба мактаби «Мангуберди издошлари»-и Фарғона супурдам. Санҷишҳои фаннӣ ва тарбияи ҷисмониро бомуваффақият супурда, ба синфи 9-ум қабул шудам.

Дар арафаи 29-умин солгарди ташкил ёфтани Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон ва 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан савганди «Мангуберди издошлари»-ро қабул кардам. Ин дар қалби ман эҳсоси муҳаббатро нисбат ба Ватан зиёд кард. Баъди хатми мактаби номбурда ният дорам таҳсилро дар Академияи Нирӯҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон идома диҳам, дар қисмҳои ҳарбии кишварамон сидқидилона хидмат намоям ва дар сафи муҳофизати Ватан бошам.

**Саодат АЛИХОНОВА,**
**хонандаи мактаби «Мангуберди издошлари»-и Фарғона.**

# Муроҷиатҳоро дида баромаданд

***Дар қабули сайёр, ки дар маҷлисгоҳи ҳокимияти ноҳияи Поп баргузор шуд, ҳокими ноҳия Аъзамҷон Султонов наздик ба 50 нафар корафтодагонро қабул намуд.***

Онҳо аз ҳамаи ҳудудҳои ноҳия омада аз рӯйи норасоии хонаву ҷой, ҷудо кардани кредит барои соҳибкорӣ ва шуғл, таъмири роҳҳо, беҳсозии таъминоти барқ, об, газ, хидмати тиббӣ муроҷиат намуданд.

Аз ҷумла, муроҷиати Шоҳсанам Мамаҷоноваи халқободӣ аз рӯйи бекорӣ дар худи ҳамон ҷо эҷобӣ ҳалли худро ёфт.

Муроҷиати Ҳусанбой Ҳакимов, ки сокини маҳаллаи Янгиобод мебошад, ҳаллу фасл гардид. Бо кӯмаки масъулон ба хонаи ӯ ангишт расонда дода шуд.

Доир ба ҳал намудани мушкилиҳо ба мутасаддиён вазифаҳо супурда шуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ҶАЛБИ МУТАХАССИСОНИ ИХТИСОСНОК БА ТАШКИЛОТҲОИ БУҶЕТИИ МАҲАЛҲОИ ДУРДАСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиббӣ дар давоми **36 моҳ**, аз моҳи ба кор қабул шудан, дар ҳолатҳои хариди манзил ё бо манзили истиқоматии хидматӣ таъмин намудани ин шахсон дар ин қаламрав, инчунин қатъ кардани шартномаи меҳнатии бо онҳо басташуда пардохти ҷуброни пулӣ боздошта мешавад;

барои гирифтани ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиббӣ ба роҳбари ташкилоти дахлдори буҷетӣ дар бораи пардохти ҷуброни пулӣ бо нишон додани ҷои истиқомати муваққатӣ ва андозаи хароҷоти воқеии иҷораи биноҳои истиқоматӣ бидуни арзиши хизматрасонии коммуналӣ ариза пешниҳод мекунанд. Ҳамзамон, дар ҳолате, ки андозаи хароҷоти воқеии иҷораи манзил аз андозаи ду баробари арзиши базавии ҳисобшуда камтар бошад, миқдори ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ мутаносибан ба андозаи хароҷоти воқеӣ кам карда мешавад, дар ҳамаи ҳолатҳои дигар ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ ба андозаи ду баробари арзиши базавии ҳисобшуда пардохт карда мешавад;

ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ бо фармони роҳбари ташкилоти дахлдори буҷетӣ бо зикри андозаи он таъин карда мешавад ва аз ҷониби шӯъбаи баҳисобгирии ин ташкилот баробари музди меҳнат пардохта мешавад;

пардохти ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ барои иҷораи манзил ба кормандоне, ки дар қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 25 апрели соли 2017 № 2925 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба минбаъд баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ноҳияҳои дурдасти дашти вилояти Навоӣ» ва Низомнома оид ба тартиби пардохт ба судяҳо, кормандони мақомоти судӣ, кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Ӯзбекистон, мақомоти прокуратура, Департаменти мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодии назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, мақомоти Хидмати давлатии андоз ва кормандони Хидмати давлатии гумрук ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ барои иҷораи (кироя) биноҳои истиқоматӣ, ки бо қарори Девони Вазирон аз 31 октябри соли 2012 № 312 тасдиқ шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур амалӣ карда мешавад;

ҳангоми интиқоли мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиб мутаносибан аз як ташкилоти буҷетӣ ва (ё) муассисаи тиббӣ ба ташкилоти дигари буҷетӣ ва (ё) муассисаи тиббии воқеъ дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузар, пардохти ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ то ба охир расидани мӯҳлати муқарраршуда идома меёбад;

вақте ки мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиббӣ корро дар ташкилоти буҷетӣ ва (ё) муассисаи тиббии воқеъ дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузар қатъ мекунанд, ба муддати то 36 моҳ кӯмаки ибтидоии пулӣ ба буҷет, ба истиснои ҳолатҳое, ки мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиббӣ бо сабаби ҳолатҳои ба онҳо вобаста набуда (марги корманд, маъюб эътироф кардани ӯ, қатъ шудани фаъолияти ташкилоти буҷетӣ, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 106-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Ӯзбекистон) пурра баргардонида мешавад.

**3. Нақшаи пардохти кӯмаки ибтидоии пулӣ ва ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиб, ки ба кор ба минтақаҳои дигар дар ташкилотҳои буҷетии дар ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар ҷойгиршуда гузаштаанд,** мутобиқи замимаи №1 тасдиқ карда шавад.

4. Аз 1 марти соли 2021 барои муаллимон ва педагогҳои дорои категорияҳои олӣ ва якум, ки ба таҳсил дар мактабҳои дорои сатҳи пасти таҳсилоти минтақаҳои дигар ҷалб шудаанд, ба ставкаи асосии тарифӣ иловапулиҳои махсус муқаррар карда шаванд. Дар ин ҳолат, иловапулиҳои махсус ба андозаи зерин пардохта мешаванд:

**50 фоизи** ставкаи базавии тарифии муаллимон ва педагогҳо, ки аз дигар ноҳияҳо ва шаҳрҳо дар доираи як воҳиди маъмурию ҳудудӣ ба кор гузаштаанд;

**100 фоизи** ставкаи базавии тарифии омӯзгорон ва мураббиён, ки аз дигар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ба кор гузаштаанд.

5. Муайян карда шавад, ки:

муаллимон ва мураббиёни дорои тоифаҳои олӣ ва якум ва дар минтақаҳои дигар ҳадди ақалл як сол кор карда ба дарсдиҳӣ дар мактабҳои дорои сатҳи таълимашон паст ҷалб карда мешаванд;

рӯйхати мактабҳои дорои сатҳи пасти таҳсилотро Вазорати маорифи халқ ва Инспексияи давлатии назорати сифати таълим ташаккул медиҳанд ва дар сайти расмии Вазорати маорифи халқ ба мӯҳлати то 15 феврали соли ҷорӣ, солҳои минбаъда – ҳамасола то 1 сентябр нашр карда мешавад;

иловапулии махсус ба ставкаи базавии тарифии муаллимон ва педагогҳои дорои категорияҳои олӣ ва якум, ки аз дигар минтақаҳо ҷалб шудаанд, инчунин дар соли баъд аз хориҷ кардани мактабе, ки онҳо ба кор гузаштаанд, аз рӯйхати мактабҳои дорои сатҳи пасти таҳсил пардохта мешавад.

6. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

кӯмаки ибтидоии молиявӣ ва ҷубронпулии ҳармоҳаи пулӣ тибқи тартиби муқарраршуда аз ҳисоби Буҷети давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар асоси дархости ташкилоти дахлдори буҷетӣ, ки ба мақомоти ҳудудии молиявӣ пешниҳод шудааст, маблағгузорӣ карда мешавад;

маблағҳое, ки барои пардохти кӯмаки аввалияи пулӣ ва ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ заруранд, дар сметаи хароҷоти ташкилоти дахлдори буҷетӣ пешбинӣ шудаанд. Дар ин ҳолат, агар мутахассиси дорои маълумоти олӣ ва (ё) корманди тиббӣ дар соли ҷории молиявӣ ба кор қабул карда шавад, ба сметаи хароҷоти ташкилоти буҷетӣ бо тартиби муқарраршуда тағйирот ворид карда мешавад.

7. Ба меъёрҳои иҷтимоии муайян кардани шаҳрвандони ниёзманди манзил, ки бо қарори Девони Вазирон аз 25 марти соли 2020 № 182 тасдиқ шудааст, меъёри «Мутахассисони дорои маълумоти олӣ, ки аз дигар минтақаҳо барои кор дар ташкилотҳои буҷетии воқеъ дар ноҳияҳои дурдаст гузаштаанд» ворид карда шаванд.

8. Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва ҳокимиятҳои вилоятҳо:

бинобар ҷамъбасти ҳар моҳ, то рӯзи 5-уми моҳи пас аз моҳи ҳисоботӣ, дар вебсайтҳои расмии худ дар бораи ҷойҳои холии мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиббӣ ташкилотҳои буҷетӣ ва (ё) муассисаҳои тиббии воқеъ дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузар маълумот ҷойгир намоянд;

барои ҷалби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба кор дар ташкилотҳои буҷетии дар минтақаҳои душворгузар ҷойгиршуда ва эҳтиёҷ ба кадрҳои дорои маълумоти олӣ дошта бо ташкили вохӯриҳо дар маҳалҳо ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъолияти мутахассисони ҷавон чораҳо андешанд;

аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷудо кардани қитъаҳои заминро барои сохтмони манзил ба мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва (ё) кормандони тиб, ки барои кор аз минтақаҳои дигар дар ташкилотҳои буҷавӣ ва (ё) муассисаҳои тиббии воқеъ дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузар омадаанд, аз ҳисоби заминҳои захиравӣ дар қаламрави дахлдор таҳти назорат гиранд.

9. Ба Низом дар бораи тартиби бақайдгирии шаҳрвандони ба беҳдошти шароити манзил эҳтиёҷманд, тақсим ва таъминоти биноҳои истиқоматии фонди манзили давлатӣ, ки бо қарори Девони Вазирон аз 26 феврали соли 2019 № 170 тасдиқ шудааст, мутобиқи замимаи № 2 илова ворид карда шавад.

10. Вазорати молия (Т.А. Ишметов) якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар давоми як моҳ:

ба Девони Вазирон лоиҳаи қонун дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Ӯзбекистонро оид ба муайян намудани кӯмаки аввалияи пулӣ ва ҷуброни ҳармоҳаи пулӣ, ки бо қарори мазкур пешбинӣ шудаанд, ба сифати даромаде, ки ба даромади умумии андозсупорандагон дохил карда нашудааст, тақдим намояд;

ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз ин қарор бармеоянд, пешниҳодот тақдим кунад;

санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулкардаи худро ба ин қарор мутобиқ кунанд.

11. Вазорати адлия (Р.Қ.Давлетов) корҳоро оид ба дар байни аҳолӣ маънидод кардани моҳият ва аҳамият, то иҷрогарон расондан, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо оид ба татбиқи тадбирҳои муайяннамудаи ҳамин қарор ташкил намояд.

12. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовинони Сарвазир Ҷ. А. Кӯчқоров ва Б.А. Мусаев гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*11 январи соли 2021.*

## ХАБАРҲО

### Тағйиротҳо дар моддаҳои Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ

***Депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ лоиҳаи қонунеро доири қоидаҳои бехатарии роҳ муҳокима намуданд, ки ба як қатор моддаҳои Кодекси ҷавобгарии маъмурӣ мутааллиқ мебошанд.***

Мувофиқи моддаҳои 54, 123, 140 ва 147-уми кодекси зикршуда, ронандае, ки қоидаи ҳаракати роҳро вайрон ва ба қонуншиканӣ роҳ додааст, аз 20 то 30 баробар миқдори ҳисоби базавӣ ба ҷарима кашида мешавад. Депутатҳо гуфтанд, ки ин тарз ҷаримасупорӣ бо коррупсия роҳ кушоданаш мумкин. Масалан, қонуншикан метавонад ба ҷои 30 баробар 20 баробар ҷарима супурда ва ба нозири роҳ пора пешниҳод сохта, ба роҳаш давом намояд. Депутатҳо таклиф карданд, ки дараҷаи минималии ҷаримасупориро нигоҳ дошта, дараҷаи баланди он аз эътибор соқит карда шавад. Бо баэътиборгирии ин фикр лоиҳа дар хониши аввал тасдиқ ёфт.

Дар назди бозорҳо, супермаркет ё маҷмӯъҳои тиҷоратӣ, бинобар номукаммалии инфрасохтор, яъне мавҷуд набудани майдонҳо барои автомобилҳо ронандагон маҷбуранд мошинҳои худро нигоҳ доранд. Дар ин гуна вазъ онҳо аз 3 то 15 баробар МҲБ ҷарима месупоранд, ки ин аз рӯи адолат нест. 3 баробар супурдани ҷарима кифоя аст, гуфтанд депутатҳо ва ин миқдор дар ҳуҷҷатҳо бояд тасдиқ ёфта, минбаъд ин қоида амал намояд.

### Ҷалби васеътари шашсолаҳо ба таълим

***Президент дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис (январи соли 2020) аз соли 2020 эътиборан зарурияти ҷорӣ намудани сохтори ба мактаб омодасозии бачаҳои 6-соларо таъкид сохта буд.***

Тӯли соле, ки сипарӣ гашт, ҷиҳати гузоштани пойдевори мустаҳкам ба системаи таълим, мазмун ва моҳияти тоза бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таълими томактабӣ корҳои самаранок пеш бурда шуданд. Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ фаъолияти 18254 ташкилоти таълими томактабӣ ба роҳ гузошта ва ба онҳо 1 миллиону 699 ҳазору 566 нафар кӯдакон ҷалб карда шудаанд. Аз боғчаҳои бачагонае, ки қайд шуданд, 6197-тояшон дар тасарруфи давлат мебошанд. Назар ба маълумоти котиби матбуоти Вазорати таълими томактабӣ М.Аскархӯҷаева, соли равон ба навъҳои муқобили таълими томактабӣ ва мактаби ройгони назди муассисаҳои таълими томактабӣ ҷалб сохтани тақрибан 75 фоизи бачаҳои шашсола ба нақша дароварда шудааст.

### Ҳафтавори кино дар пойтахт

***Ҳар як рӯзи «Ҳафтавори санъати кинои миллии ӯзбек», ки аз 11 январи соли равон оғоз ёфт, аз воқеаҳои муҳим ва хотирмон бой гашт. Дар рӯзҳои аввали он нахустнамоиши филмҳои «Ман террорчӣ нестам» ва «Сунбул» баргузор шуд.***

Бо «пайроҳаи сурх» ба саҳна воридшавии чеҳраҳои намоёни ҳунар, кастингҳо, вохӯриҳои эҷодӣ бо санъаткорон, суҳбатҳои даврӣ дар рӯзҳои минбаъдаи ҳафтавор таассуроти хуб гузошт. Хусусан, брифинг бо иштироки эҷодкорони филмҳое, ки нахустнамоишашон рӯи кор омад, эътибори иштирокдоронро ба худ кашид. Дарсҳои маҳорат бо иштироки Артисти хидматнишондодаи Русия Фарҳод Маҳмудов, коргардони номӣ Алӣ Ҳамроев, режиссёри маҳоратнок Аюб Шаҳобиддинов барои ҷавононе, ки ба олами сеҳромези кино ворид шуданианд, фаромӯшнопазир буд.

Дар экрани калон намоишёбии киномазҳакаи «Ҷонибеки миллионер» (коргардон Зоҳид Зокиров)-ро тамошобинон пазируфтанд.

Кушода шудани кинотеатри «Riviera», айни замон, яке аз воқеаҳои муҳим тӯли ҳафтаи кино буд. Дар кинотеатри нав нахустнамоиши филми «Ду ҳазор суруди Фарида» баргузор гардид.

Дар доираи ҳафтавор ҷашнвораи киноэҷодкорони ҷавон бо унвони «Дебют» ба амал омад. Дар бораи аз нав барқарор сохтани ҷашнвораҳои кинои байналхалқӣ дар Тошканд, сазовор қайд кардани 90-солагии коргардони номӣ Шуҳрат Аббосов таклиф ва мулоҳизот баён шуданд.

**Ш. МУҲАММАД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ҚОНУНҲОИ МО — ИНСОНПАРВАРОНА, ВАЛЕ БА СӮИИСТИФОДА АЗ ОНҲО НАБОЯД РОҲ ГУЗОШТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар таркиби вазорату идораҳо, айни замон, ходимони аудитӣ амалиётҳои молиявиро сари вақт санҷида ва дар таъмини шаффофии масъалаҳои марбут ба ҳисобу китоб ва дуруст истифода бурда шудани маблағҳои буҷавӣ саҳм мегузоранд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин коррупсия дар шаклҳои гуногун ба зуҳур омада, ҳамон садди роҳ ба ҳар гуна тараққиёт ва пешравӣ мегардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, хоссатан ба иқтисодиёт таъсири ин иллат зиёдтар ва дар ҷое, ки ин ҳолат ҳаст, маблағҳои давлатӣ ва захираҳои буҷа нодуруст тақсим карда мешаванд, сарфакорӣ коҳиш меёбад.

Дар тиҷорат вақт ва харҷҳои моддӣ барҳадар рафта ва ин ба болоравии нархи наво меоварад.

Муҳити рақобат халал ёфта, «қоидаҳои бозӣ» ба ҳар иштироккунанда як хел шуда намемонад. Иқтисодиёти хуфиёна реша давонда, сафи андоздиҳандагон мекоҳад. Ҳамаи ин, дар ниҳояи кор, ба сустшавии пояҳои иқтисодии мамлакат замина меофарад.

Чун дигар падидаҳо коррупсия низ бузург ва миёнаву хурд мешавад. Коррупсияи бузург ба сиёсати давлатдорӣ, идоракунии ҳукумат ва фаъолияти вазорату кумитаҳои ҷудогона вобаста бошад, аз мансаб сӯиистеъмолсозии вакилони ҳокимиятҳо, роҳбарони садорату ташкилотҳо, идораҳои ҳуқуқу тартибот ба тавлид ва зуҳуроти коррупсияи миёна ва хурд омил шуда метавонад.

Мубориза алайҳи коррупсия дар мамлакатамон торафт шиддат гирифта, ҷиноятҳо фош ва ҷинояткорон ба ҷазо кашида шаванд ҳам, дар бораи ҳамон бавуқӯъоии ҳолатҳои номатлуб хабарҳо ба гӯш мерасанд. Ҳис мекунем дар мо чи қадар «сахтҷон» ва «бадмур» аст коррупсия, мисле он мағз-мағзи ҳаёти ҷамъиятиамонро фаро гирифта бошад.

Мегӯянд, дар қисме аз кишварҳои рушдёфта нозири роҳ – хидмати патрулии назораткунандаи қоидаҳои ҳаракати роҳро дар кӯчаҳо пайдо кардан душвор. «Формапӯшҳо» барои ҷазо додан не, барои кӯмак ба ронандагоне, ки воситаҳои нақлиёташон ба сабабе муътадил кор намекунанд, ба кӯча мебароянд. Дар мо бошад, бо вуҷуди он ки дар чорроҳаҳо светофорҳо кор мекунанд, нозирони роҳ тартиботро назорат месозанд. Камераҳо гузошта шудаанд – ҳаракати ҳар як мошин дар навор акс ёфтанаш мумкин,бо вуҷуди ҳамин дар чорроҳаҳо баъзе ронандагон, чароғаки сабз фурӯзон бошад ҳам, рост ба болои раҳгузарон мошин меронанд. Ин аз чӣ далолат медиҳад?

Ин далел бар он ки на ҳамеша қонунҳоямон устувор. На ҳамеша қонуншикан ба маҳкама кашида шуда, ҷазои сазовор гирифта, минбаъд дониста кор мекардагӣ шудааст.

Омили инсон дар мо ва баъзе кишварҳо фарқ дорад: дар хориҷ одамҳо не, технологияи замонавӣ бисёр вазифаҳоро ба иҷро мерасонад. Маоше, ки бояд ба кассир ё нозирон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дода шавад, сарфа ва маблағҳои сарфашуда ба таълими ройгон дар мактабҳои олӣ ҷудо карда мешавад.

Дигар, бо оне ки ба коррупсия роҳ гузоштааст, дар мамлакати мо на ҳамеша ҷазои сазовор дода мешавад. Аз инсонпарварона будани қонунҳо сӯиистеъмол мекардагӣ шахсон зиёд ёфт мешаванд. Масалан, моддаи 61-уми Кодекси маъмурӣ-ҷиноӣ оид ба тороҷи мулки ҷамъиятӣ дар миқдори ночиз. Мувофиқи он айбдор аз 1 то 5 баробари миқдори ҳисоби базавӣ ҷарима месупорад, яъне аз 223 ҳазор сӯм то 1 миллиону 115 ҳазор сӯм. Агар мулки тороҷшуда то 30 баробари миқдори ҳисоби базавӣ (6 миллиону 690 ҳазор сӯм) арзиш дошта бошад, ин миқдори кам (ночиз) ҳисоб меёбад. Масалан, 5 миллион сӯм камомад сохта, бо супурдани 223 ҳазор ё 7 миллиону 115 ҳазор сӯм халос шудан мумкин. Ҳолдонҳо мегӯянд, ин ҷазо нест, балки сила кардани сари бандаи нафсест, ки ба мулки ҷамъиятӣ чашм ало кардааст.

Ҷазо бояд таъсирноктар бошад.

Вақте таъсирнокии ҷазо ҳис нашуд, ҷиноятҳои барқасдонаи ба коррупсия алоқанок меафзоянд.

*Тараҳҳум бар паланги тездандон,*
*Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон.*

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Озмуни фаннӣ

# АНЪАНАИ ХОТИРМОН

**_Чанде пеш дар мактаби рақами 1-уми шаҳраки Нурафшон — маркази вилояти Тошканд зинаи сеюми озмуни ҷумҳуриявӣ аз рўйи фанҳои таълимӣ гузаронда шуд. Қариб аз ҳамаи ноҳияҳои вилоят донишомўзони мактабӣ ҳозир буданд. Дар баробари онҳо ходимони шуъбаҳои таълими халқи ноҳияҳо, роҳбарони мактабҳо, муаллимони фан ва падару модарони донишомўзон ҷамъ омада буданд._**

Дар он аз шаш ноҳияи вилоят шогирдон иштирок карданд. Аз ҳар як ноҳия ғолибони озмуни ноҳиявӣ, ки ҷойҳои якуму дуюму сеюмро гирифта буданд, ба ҷараён роҳ дода шуданд. Озмун мувофиқи низом аз рўйи ду шарт – иншо ва тест ба роҳ монда шуд.

Тилабов Шариддин аз ноҳияи Бўстонлиқ, Ҳикматов Ҳикмат аз ноҳияи Чиноз, Бўриев Искандар аз ноҳияи Паркент, Хайруллоева Фалина аз ноҳияи Бекобод, Раҳимов Зиёҷон аз ноҳияи Бўка ва раиси комиссияи аппелатсионӣ Исфандиёр Алиев аз ноҳияи Бўка ҳайати ҳакамот интихоб шуданд. Усули корбарии ҳар як амали ҷараён таҳти назорат қарор дошт. Раиси гузарондани ҷараёни озмуни вилоятӣ намояндаи Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ Ҷалолиддин Фозилов дар маҷлиси ифтитоҳӣ ҷиҳати шаффоф ва адолатнок гузарондани он сухан гуфт.

Ҳамин тавр, ду рўзи аввал озмун дар байни донишомўзони синфҳои 11-ум гузаронда шуд. Дар он понздаҳ нафар донишомўзони мактабҳо иштирок намуданд. Ҷойи 1-умро донишомўзи мактаби 17-уми шаҳри Ангрен Мирзаалимова Азиза (муаллимаш Марипова Ф.), ҷойи 2-юмро толибаи мактаби 47-уми ноҳияи Чиноз – Мунавварова Сурайё (муаллимаш Ҳикматов Ҳ.),ҷойи 3-юмро бошад, донишомўзи мактаби 47-уми ноҳияи Бўстонлиқ Шопатова Бону (муаллимаш Абдунабиев У.) ишғол намуданд.

Ин иқдом дар рўзҳои сеюм ва чоруми озмун байни донишомўзони синфҳои 10-ум идома ёфт. Дар ин гурўҳ низ понздаҳ нафар иштирок карданд. Тибқи хулосаи ҳакамот ҷойи 1-ум ба донишомўзи мактаби 17-уми ноҳияи Ангрен – Убайдуллоева Тиллобибӣ (муаллимаш Абдуқодирова Р.),ҷойи 2-юм низ ба талабаи ҳамин мактаб Алимаматова Ҳадиса (муаллимаш Марипова Ф.),ҷойи 3-юм ба хонандаи мактаби 10-уми ноҳияи Ангрен – Шамсиддинова Робиа (муаллимаш Раҳимова М.) насиб гардид.

Ду рўзи охири озмун дар байни синфҳои 9-уми мактабҳои ноҳия гузаронда шуд. Дар он 16 нафар донишомўз ширкат варзиданд. Ҷойи 1-ум ба донишомўзи мактаби 47-уми ноҳияи Чиноз Султонов Шукурбой (муаллимаш Ҳикматов Ҳ.), ҷойи 2-юм ба талабаи мактаби 15-уми ноҳияи Ангрен Исроилов Сухроб (муаллимаш Дўстов Ф.),ҷойи сеюм бошад, ба хонандаи мактаби 47-уми ноҳияи Бўстонлиқ – Ҳикматуллоев Сиёвуш (муаллимаш Ш.Тилабов) насиб гардид.

Ин ҷо бамавқеъ аст чанде аз андешаҳои худро доир ба мавзуоти иншою тестҳои истифодашуда ва сифати кори донишомўзон иброз намоям. Рости гап, мавзўъҳои иншо дар асоси барномаҳои таълимӣ тартиб дода шуда буданд, вале дар интихоби онҳо каме ба саҳлангорӣ роҳ дода шудааст. Фаразан, барои синфҳои 9-ум мавзўи "Мазмун ва мундариҷаи романи "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро"-и Ҷалол Икромӣ" гузошта шуда буд. Якум, донишомўзони синфҳои 9-уми мактабҳои таълими умумӣ ин мавзўъро ҳанўз тибқи нақшаи давлатӣ нагузаштаанд, дуюм мавзўи номбурда дар китоби дарсӣ ба таври бояду шояд дода нашудааст.

Ҷиҳати дигари масъала, тестҳо тавре тартиб дода шуда буданд, ки чандон ба талаби низоми озмун мувофиқат намекарданд. Масалан, ба синфи 10 саволҳо қариб ҳамагӣ аз забон ва адабиёти синфҳои 8-ум интихоб шуда буданд. Ва ҳол он ки тибқи низом саволҳо бояд бештар аз синфи 10-ум интихоб карда мешуданд. Ҳамчунин тибқи низом бояд 30 савол интихоб карда мешуд, вале дар мактуби ирсолкардаи Вазорати таълими халқ 40 савол гузошта шуда буд.

Гузашта аз ин, мувофиқи низом бояд саволҳои мантиқӣ ҳам гузошта мешуданд ва саволҳо аз синфҳои гуногун интихоб мегардиданд, вале ин қоида дар он ҷо риоя нашуда буд.

Оиди сифати кори хонандагон бошад, гуфтан мумкин аст, ки дониши онҳо дар ҳадди миёна аст. Сари ин масъалаҳо бисёр гуфтан мумкин аст, зеро дар худи низом ҳам баъзе нуқсонҳо ба назар мерасиданд. Чунончи, ҳаҷми иншои сесоата дақиқан нишон дода нашуда буд. Зеро баъзе донишомўзон 3-4 саҳифа ва баъзеи дигар бошад, то 7-8 саҳифа иншо навишта буданд.

**Ҳикмат ҲИКМАТОВ,**
**аъзои ҳаками озмун.**

**_Бо ташаббусу дастгирӣ ва ғамхории Раисҷумҳур барои донишомўзии насли навраси мамлакатамон эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Тадбиру чорабиниҳо, мусобиқаҳои мухталиф барои мустаҳкам кардани дониши толибилмон гузаронида мешавад._**

## ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМЎЗ

Дар шаҳри Навоӣ озмуни давраи сеюм (вилоятӣ) аз фанни забон ва адабиёти тоҷик баргузор гардид. Аъзои ҳакам ба донишу маҳорати иштирокчиён баҳои холисона дода, ғолибонро муайян намуданд. Хонандаи синфи 11-уми мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нурато Хосият Рўзиева, ки устодаш омўзгори собиқадор, Аълочии таълими халқи Ўзбекистон Элмурод Рўзиев аст, бо гирифтани 84 хол сазовори ҷойи ифтихории якум гардид. Ҷойи дуюм бо гирифтани 82 хол ба шогирди мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато Нафиса Ҷўраева (устодаш омўзгори ҷавону умедбахш Ҳилол Рўзиев) насиб гардид. Ҳар ду ғолиб барои иштирок дар озмуни ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд.

Ба толибилмон ва дар симои онҳо ба тамоми ғолибони озмуни вилоятҳо роҳи сафедро таманно дорем. Умед аст, ки дар давраи ноҳиявии озмун низ пирўзӣ насибашон мегардад.

**Абдураҳмон ҒАФФОРОВ,**
**ҷонишини директор оиди корҳои тарбиявии мактаби шумораи 43-юми ноҳияи Нурато.**

Варзиш



_Ба мақсади сермазмун гузаштани таътили зимистонаи хонандагону ҷавонон, муттасил машғул шудани онҳо бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши оммавӣ, ҳамчунин, ташаккул додани тарзи солими ҳаёт аз ҷониби Раёсати ҳифзи гвардияи миллии вилояти Бухоро мусобиқаҳои варзишии васеъмиқёс ташкил дода шуда буд._

_Мусобиқаҳои мазкур, аз ҷумла, дар байни хонандагони «Маркази бачаҳои баркамол авлод»-и ноҳияи Қаровулбозор, мактабҳои рақами 9 шаҳри Когон, рақами 42 ноҳияи Ғиждувон, рақами 17 ноҳияи Когон, рақами 8 ноҳияи Вобкент, рақамҳои 3 ва 5 ноҳияи Шофиркон дар шакли стартҳои шавқовар ва анвои варзишии шоҳмоту шашка, тенниси рўйи миз, волейбол, баскетбол сурат гирифт._

**_Дар акс:_** _лавҳае аз мусобиқа._

**_Аксбардор: Т.ИСТАДОВ (ЎзА)._**

# ҒОЛИБОН АНИҚ ШУДАНД

**_Аз рўйи намуди бозии варзишии тенниси рўйи миз дар байни мактабҳои таълими умумии рақами 32, 39, 41, 40, 48 ноҳияи Бўстонлиқ мусобиқа баргузор гардид. Дар гурўҳи якуми он мактабҳои 39, 41, 43 ва дар гурўҳи дуюм мактабҳои 32, 40, 48 бо ҳам қувваозмоӣ карданд._**

Ин мусобиқа дар асоси риоя намудан ба қоидаҳои санитарӣ хеле шавқовар гузаронида шуд ва ғолибон чунин ҷойҳоро гирифтанд: ҷойи якум ба мактаби рақами 48-и деҳаи Испай, ҷойи дуюм ба мактаби рақами 32-и деҳаи Болодала ва ҷойи сеюм ба мактаби 41-и деҳаи Яккатут насиб гардид.

Ба ғайр аз ин дар байни хонандагони мактабҳои ноҳия ва шаҳри Чирчиқ оид ба ин намуд талош баргузор гардид. Дар он низ варзишгарони мактаби рақами 48-и деҳаи Испай ғолиб гардиданд.

**Шаҳриддин ТИЛОБОВ,**
**омўзгори мактаби рақами 47-уми ноҳияи Бўстонлиқ.**

## Ҷашнвораи ватанпарварӣ

**Дар яке аз деҳаҳои бо Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамҳудуди вилояти Намангон – Нанай ҷашнвораи ватанпарварӣ баргузор шуд.**

Дар доираи ҷашнвора намоиши техникаи ҳарбӣ ва нақлиёти тамғаи гуногуни ташкилоти «Ватанпарвар»-и вилоят ва баромади қисмҳои махсус баргузор шуд. Бахусус, намоиши саҳнавии хонандагони мактаби таълими умумии рақами 10-уми ноҳияи Янгиқўрғон ба иштирокдорон манзур шуд.

– Барои дар рўҳи ватанпарварӣ тарбия намудани ҷавонон чунин ҷашнвораҳо нақши муҳим мебозад. Мо бояд онҳоро ҳамеша дастгирӣ намоем, – гуфт иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов.

Суруду таронаҳо дар рўҳи ватандўстӣ ба ҷашнвора шукўҳи тоза бахшид.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
_Вилояти НАМАНГОН._



_Дар ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи «Қўғоли»-и ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона бинои нави муассисаи таълими томактабии рақами 23 ба истифода дода шуд._

_Барои иншооти ба 120 ҷой пешбинишуда, ки аз ҷониби корхонаи хусусии «Шуҳратҷон» бунёд гардидааст, 2 миллиарду 350 миллион сўм маблағ сарф шудааст._

_Бино ба маълумоти дастрасшуда тайи 2 соли охир дар ноҳия 63 муассисаи таълими томактабии давлатӣ ва ғайридавлатӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар айни ҳол дар 35 муассисаи таълими томактабии давлатӣ, 56-то ғайридавлатӣ ва 1-то шарикии давлатию хусусӣ 8 ҳазору 893 нафар кўдакон тарбия мегиранд. Теъдоди умумии бачаҳои аз 3 то 7-сола 17 ҳазору 528 нафарро ташкил медиҳанд, ки то имрўз 50,1 фоизашон ба кўдакистонҳо ҷалб карда шудаанд._

**_Дар акс:_** _дар муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 23-юм, ки дар ҳудуди ҷамъияти шаҳрвандони маҳаллаи «Қўғоли»-и ноҳияи Бағдод ба истифода супурда шудааст._

**_Аксбардор: М.ҚОДИРОВ (ЎзА)._**

# НАТИҶАҲОИ ПЕШАКИИ БАРНОМАИ ДАСТГИРӢ

Семинаре бо ширкати коршиносони миллии мамлакат дар чаҳорчўби лоиҳаи "Рушди малакаҳо барои фарогирӣ бо шуғл дар деҳоти Ўзбекистон" баргузор гардид. Семинари мазкур бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва ЮНЕСКО, ҳамчунин Вазорати мактаби олӣ ва миёнаи махсус, Вазорати хоҷагии об роҳандозӣ шуд.

Қобили ёдоварист, ки моҳи июли соли 2020 Иттиҳоди Аврупо барои татбиқи лоиҳаи "Рушди малакаҳо барои фарогирӣ бо шуғл дар деҳоти Ўзбекистон" 9,6 миллион евро ҷудо кардааст, ки онро тайи солҳои 2020-2024 ЮНЕСКО анҷом медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки ташаббуси зерин бо Лоиҳаи модернизатсияи соҳаи кишоварзии Ўзбекистон мувофиқат кунонида шудааст, ки 20 декабри соли 2019 аз тарафи Вазорати кишоварзии ҷумҳурӣ ва Агентии татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи маҷмаи агросаноатӣ ва таъмини хўроквории Ўзбекистон (UZAIFSA) таҳти иҷро қарор дода шудааст.

Франсуа Бежо — роҳбари шўъбаи ҳамкории ИА ва Ян Гладик — роҳбари дафтари ЮНЕСКО дар Ўзбекистон аҳамияти лоиҳаро барои баланд бардоштани некўаҳволии мардуми Ўзбекистон ва навсозии соҳаи кишоварзӣ хеле муфид арзёбӣ карданд.

Коршиносони ЮНЕСКО натиҷаҳои пешакии арзёбии эҳтиёҷот ва таҳлили вазъи рушди малакаҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва обёриро пешниҳод карданд ва барои муколамаи созанда ва пурсамари миллӣ замина гузоштанд. Тағйирёбии глобалии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва ривоҷи бахши иқтисодии Ўзбекистон эҳтиёҷи солонаи онҳоро нисбати об меафзояд, барои ҳамин камбуди захираҳои об сол аз сол дучанд мегардад. Дар 15 соли охир дастёбӣ ба захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ аз 3048 метри мукааб ба 1589 метри мукааб коҳиш ёфтааст. Барои ҳалли ин масъалаҳо ва вазифаҳои дигар ҷумҳурӣ қадамҳои қатъӣ мегузорад ва он барои истифодаи дурусти захираҳои об мусоидат менамояд. Ин дар навбати худ тақозо менамояд, ки дар соҳаи кишоварзӣ ва танзими захираҳои об ба такмили касб аҳамияти вижа дода шавад. Дар рўзи дуюми семинар иштирокчиёни он консепсия дар чаҳорчўби миллии тахассусӣ, ҳамзамон таҳаввулоти сиёсӣ ва ҳуқуқии миллӣ, робитаи он бо фаъолият ва ҳадафҳои лоиҳа дар Ўзбекистонро ба даст медароранд.

Дар бораи лоиҳа ҳаминро гуфтан метавон, ки "Рушди малакаҳои шуғл дар деҳоти Ўзбекистон" барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот тавассути беҳтар намудани имкониятҳои корӣ равона шудааст. Мақсади мушаххаси он мусаллаҳ кардани занон ва мардон бо малакаҳои мувофиқ барои кишоварзии устувор, гуногунсоҳа ва муосир дар Ўзбекистон мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

# САХОВАТПЕША

**_(Ҳикояи воқеӣ)_**

Мардум одатан соли навро нисбат ба дигар идҳо бо омодагии махсус пешвоз мегиранд, ҳаракат мекунанд, ки идро бо аҳли оила гузаронанд. Дар ин рўз ҳама якдигарро табрику таҳният мегўянд, орзуву ниятҳои нек изҳор менамоянд, ба якдигар туҳфаҳо месупоранд.

Аммо ин ид ба дили апаи Шарифа пайи дарднок гузошта буд. Ў ҳоло ҳам дар ин хусус фикр кунад, аз кори кардааш пушаймон мешавад. Лаҳзаи дар назди рафиқонаш сархамии Собирҷон ва чашмони аз ашк пури ў ба ёдаш меояд...

Ў яке аз муаллимаҳои ҷавон ва фаъоли мактаб, роҳбари синфи панҷум буд. Дар давоми панҷ соли омўзгориаш бо феълу хў, азхудкунӣ, падару модар ва шароити зисти хонандагон ба хубӣ ошно гардид. Дар сари соли хониш маҷлиси падару модаронро гузаронда, барои фонди синф чӣ қадар пул ҷамъ карданро хотиррасон намуд. Баъзе падару модарон аз ин норозӣ ҳам шуданд. Шарифа, ки ҳоло ба шавҳар набаромада буд ва чӣ будани «рўзгор — ғор»-ро намедонист, аз волидони камхарҷ хушаш намеомад.

Пеш аз иди Соли нав маҷлиси навбатии падару модаронро даъват намуд. Дар маҷлис масъалаи таҷлили ид, рағбатнок кардани хонандагони аълохон, супурдани туҳфаҳои солинавӣ муҳокима гардид. Яке аз модарон – апаи Мавҷуда, ки дукондор буд, ба аҳли ҷамъомад рў оварда гуфт:

– Соли навро ҳама мехоҳад хотирмон ҷашн гирад. Бачаҳо аз Бобои барфӣ туҳфаҳои хуб гирифтан мехоҳанд. Барои ин чӣ қадар маблағ ҷамъ кунем ҳам, меарзад. Пулро ба ман диҳед, дар дуконам ҳама чиз ҳаст, худам туҳфаҳои хуб омода месозам.

– Чанд пулӣ ҷамъ мекунем? – пурсид яке аз модарон.

Модари Собирҷон – апаи Холида, ки хомўш менишаст, миқдори пулеро, ки бояд ҷамъ мешуд, шунида карахт шуд. Шавҳари ў вафот карда буд. Чор нафар фарзанд дорад, танҳо худаш кор мекунад. Ба харидани туҳфаи гаронбаҳо маблағаш намерасад. Ў дили нохоҳам мақсадашро баён намуд:

– Ҷамъ кардани ин миқдор маблағ чӣ лозим?

Муаллима, ки то ҳол хушҳол буд, якбора авзоаш ҷиддӣ шуд ва аз дил гузаронд: «Як магас як дег ошро вайрон мекунад!»

– Апаи Холида, мебахшед, ин пулро ба ман не, барои фарзандатон медиҳед, – бо зарда гуфт ў.

Аҳли маҷлис Мавҷударо дастгирӣ карда, ба суханҳои апаи Холида аҳамият надоданд.

Ҳамин тариқ, Шарифа рўйхати хонандагони аълохонро тартиб дод. Ба сафи аълохонҳо Собирҷонро ҳам дохил карданӣ буд, аммо норозигии модарашро ба ёд оварда, аз навиштани номи ў даст кашид.

Соли нав торафт наздик мешуд. Хонандагон арчаро бо бозичаҳои гуногун оро медоданд.

Шарифа баъди дарс хонандагонро нигоҳ дошта, ба тартиб додани барномаи идона шурўъ кард. Яке бо шеър, дигаре бо суруд, сеюмӣ бо рақс ва намоишҳои саҳнавӣ бояд баромад мекард. Собирҷон низ шеър азёд карда, барои иштирок дар намоиши саҳнавӣ тайёрӣ медид.

***

Иди Соли нав фаро расид. Духтарон либоси Маликаи барфиро ба бар карда буданд. Писаракон куртаи сафед, шими сиёҳ пўшида, гарданбанди шабпаракнусха баста буданд. Ҳама бо чеҳраи хандон арчаро ҳалқавор печонданд. Модари Собирҷон куртаю шими ҳаррўзаи писарчаашро шуста дарзмол карда буд. Ў ба либосҳои нав ва оҳораш нашикастаи ҳамсолонаш ҳавас мекард ва дарун-дарун печутоб мехўрд. «Агар падарам ҳаёт мебуд, ба ман низ либоси нав мехарид», аз дил гузаронд ў. Вале озурдагии худро ба дигарон ошкор накарда, ба хандаю бозии ҳамсинфон ҳамроҳ шуд.

Ҷашни солинавӣ оғоз ёфт, бачаҳо барномаи идонаи худро ба ҳозирон намоиш доданд. Падару модарон, иштирокдорон онҳоро бо кафкўбиҳо дастгирӣ намуданд. Дар поёни ҷашн Шарифа ҷамъомадагонро бо Соли нав табрик гуфта, ба хонандагони аълохон супурдани ифтихорнома ва туҳфаҳои солинавиро шурўъ намуд. Вақте ў номи ҳар як хонандаро ба забон мегирифт, онҳо шодон рафта туҳфаҳои худро аз дасти муаллима мегирифтанд.

Собирҷон низ ба хурсандии ҳамсолон ҳамроҳ мешуд ва дилаш пур буд, ки муаллима номи ўро низ ба забон мегирад. Охир ў яке аз хонандагони аълохон буд, ҳатто якто ҳам баҳои «4» надошт.

«Ифтихорномаро дар чаҳорчўба ба девор овехта мемонам, ҳама бинаду ҳавас кунад»,– аз дил гузаронд ў.

Инак, дар дасти муаллима ихтихорномаи охирин, Собирҷонро торафт ҳаяҷон зер мекард. Наход ўро фаромўш карда бошанд?

Ниҳоят номи ўро гирифта чеғ зад: «Собирҷон Назаров, барои хулқи намунавӣ ва баҳоҳои аъло бо ифтихорнома мукофотонида мешавад!». Собирҷон бо хурсандӣ ба саҳна баромад, муаллима дасти ўро фишурду ба ў танҳо ифтихорномаро супурд. Собирҷон дар дасти ҳамсинфон халтачаҳоеро, ки дар онҳо шириниҳо буданд, дида дилаш фишор хўрд, дасту по гум кард ва ба муаллимааш саволомез нигоҳ кард.

– Ҳа, Собирҷон, чаро шах шудӣ? Рав дар ҷоят шин! – амр дод Шарифа.

– Устод, ба ман туҳфа намедиҳед? – бо содагии ба бачаҳо хос пурсид Собирҷон.

Муаллима худдорӣ накарда фарёд зад:

– Агар модарат туро дўст медошт, ба туҳфа пул медод. Касе, ки пул додааст, ба ҳамонҳо туҳфа дода шуд. Аз қатор намонӣ гуфта, ифтихорнома додем, ба ҳаминаш ҳам шукр гўй.

Чашмони Собирҷон пури об шуданд.

– Модарам маро дўст медорад, ин тавр нагўед. Танҳо худаш кор мекунад, маошаш ба рўзгорамон намерасад... Ба ман ифтихорнома ҳам лозим нест... Мана, гиред! – Собирҷон ҳиқ-ҳиқкунон коғазро ба муаллимааш дароз карда, тозон аз синф баромад.

Аз он ки садои мусиқӣ баланд буд, бисёриҳо ин лаҳзаро ҳис накарданд. Шарифа аз ин ҳаракати хонандаащ хиҷил шуд. Вале «модараш ғами бачаашро нахўрд, ба ман чӣ?» гуфту ба рақсу бозии бачаҳо ҳамроҳ шуд.

***

Солҳо гузаштанд. Бо мурури вақт воқеаҳои бачагӣ, солҳои мактабхонӣ ҳам хира дар ёд монданд. Шарифа низ куҳансол шуд, ба нафақа баромад. Духтар баровард, арўс фаровард, момои меҳрубони наберагон шуд. Хотираш аз ҳамаи фарзандонаш ҷамъ буд, аммо духтари хурдиаш Нозанинро бисёр фикр мекард. Нозанин ҷавонеро дўст дошт ва ҳар ду издивоҷ карданд, «дар ангуштарӣ — нигин» гуфтагӣ барин, муносиби якдигар буданд. Вақте соҳиби ду фарзанд шуданд, домодаш ба садама дучор шуда, аз олам чашм пўшид. Нозанини ҷавон бева монд. Фарзандонашро ба воя расонд. Писараш мактабро хатм намуда, дар асоси шартнома ба донишкада дохил шуд. Нозанин аз дохил шудани фарзандаш шод буд, вале фикри пардохти пули шартнома ўро ором намегузошт. Аз бародаронаш кўмак хостанӣ шуд, аммо онҳо низ чархи рўзгорашонро базўр мегелонданд.

Рўзе Нозанин бо ҳамин фикру хаёл дар коргоҳаш нишаста буд, ки ба наздаш роҳбари корхона Собирҷон Назаров даромад.

– Апаи Нозанин, хуб ҳастед? Саломатиатон чӣ хел? Шумо рўзҳои охир хомўшу серташвиш менамоед. Тинҷӣ? – ҳолпурсӣ кард Собирҷон.

Нозанини аз фикру хаёли бисёр, кору бори зиндагӣ хасташуда дилашро ба роҳбар холӣ кард.

– Ҳамааш ҳамин? Асло фикр накунед, пули шартномаро худам мепардозам. Маро низ модарам танҳо худаш ба воя расонд, хононд, оиладор кард. Ҳангоми таҳсил дар донишкада ба тангиҳо дучор омадам. Ният карда будам, ки баъди хатми донишкада агар кори муносиберо ёбам, то имкон ҳаст ба муҳтоҷон кўмак мерасонам...

Нозанин аз пайдо шудани чунин шахси саховатпеша сараш ба осмон расид. Ба хона рафта воқеаро бо хушнудӣ ба модараш нақл кард. Апаи Шарифа суханҳои духтарашро гўш кард ва хост дертар бошад ҳам ба роҳбари Нозанин арзи сипос намояд.

Рўзе ў ба коргоҳи духтараш рафт. Ўро худи роҳбар гарм пешвоз гирифт. Собирҷон муаллимаашро шинохт. Апаи Шарифа Собирҷонро дида шах шуда монд. Ҳамон рўзи иди Соли нав, сари хами Собирҷон ва чашмони ашкбори ўро ба ёд оварда аз шарм дар дил гуфт: «Кош ҳозир замин мекафиду ба қаъри он медаромадам».

**Саодат РЎЗИЕВА.**




**Оламӣ садранг**

## Дар Чин ду роботи китобдор бо ҳамдигар «ҷанг» карданд

**Ду ёрдамчии робот дар яке аз китобхонаҳо дар музофоти Тзянси Чин «вориди ҷанг шуданд». Вазъияти ҷолиберо «Korrespondent.net» бо истинод ба портали QQ хабар дод.**

Гуфта мешавад, ки вазифаи китобдорон-роботҳои Туту ва Ванбао аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён дар ёфтани китоби даркорӣ кӯмак кунанд. «Мунокиша»-и онҳо аз пайи талоши муштарии навбатӣ ба миён омад.

Ҷанҷол вақте рух дод, ки яке аз ташрифоварандагон ба мақсади савол додан коди QR-ро дар яке аз роботҳо аз сканер мегузаронад, ки дар ин лаҳза роботи дуюм мехост ба ӯ кӯмак кунад.

Дар навори видеоие, ки шоҳидон ба навор гирифтаанд, дидан мумкин аст, ки Туту ва Ванбао сарҳояшонро бо ҷумлаҳои кӯтоҳ ин тарафу он тараф мегардонанд, дар қафои он хандидани мардумро шунидан мумкин.

Дар натиҷа, Ванбао ба оштӣ шудан қарор карда, ба гуноҳи худ иқрор шуд. Ҷавобан ба ин Туту ҳамкасби худро бо зуд-зуд тағйир ёфтани кайфияташ айбдор мекунад, аммо баъдтар ӯро бахшидааст.

## Дар савдои музоядаи Ҷопон моҳии самак ба арзиши 202 ҳазор доллар фурӯхта шуд

**Дар савдои музоядаи соли 2020 самаки обиранги вазнаш 276 килограмм ба 193,2 миллион иена (1,8 миллион доллар) фурӯхта шуд.**

Дар савдои музоядаи маҳсулоти моҳӣ дар Токио самаки обиранг ба қимати 20,84 миллион иена (тақрибан 202,5 ҳазор доллар) фурӯхта шуд.

Тибқи хабари ширкати телевизиону радиои NHK вазни моҳӣ 208 килограммро ташкил додааст.

Дар савдои музоядаи соли 2020 самаки кабуди вазнаш 276 килограмм ба 193,2 миллион иена (1,8 миллион доллар) ва дар соли 2019 моҳии вазнаш 278 килограммӣ бо нархи 333,6 миллион иена (3,2 миллион доллар) фурӯхта шудааст.

Қайд бояд кард, ки савдоҳои музояда дар бозори моҳии Тоесу, ки соли 2018 кушода шудааст, гузаронда мешаванд.

**Аз рӯи хабарҳои матбуоти хориҷ таҳия карда шуд.**

# ВАСИЯТҲОИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ БА ФАРЗАНД

Устодатро ҳамчун падар дӯст бидор!

***

Сарчашмаи зиштиҳоро дунёпарастӣ ва мастӣ ва нодонӣ бидон!

***

Агар биҳиштро металабӣ, аз фасоду ситам ва гарданкашӣ парҳез кун!

***

Умрро барои амалу ибодат ва покию парҳезкорӣ ғанимат бидон!

***

Дар мол ва мақоми дигарон тамаъ накун!

***

Бо Худованд содиқ ва бо мардум боинсоф бош!

***

Дар ҳузури меҳмон бар касе хашм нагир!

***

Меҳмонро бар ҳеҷ коре дастур надеҳ!

***

Аз пеши дигарон ғизо ва мева барнадор!

***

Дар роҳ рафтан аз бузургон пешӣ нагир!

***

Аз мурдагон ба некӣ ёд кун!

***

Аз ҷангандозӣ ва хусумат парҳез кун!

***

Аз хостаҳои нобаҷои зан ва фарзандон пайравӣ накун!

***

Ҳурмати ҳар касро дар ҳадди худ нигоҳ дор!

***

Ҳеч касро пеши дигарон хиҷил ва расво накун!

***

Бо чашм ва абрӯ бо дигарон сухан нагӯ!

***

Ҳеҷ гоҳ покон ва парҳезгоронро ғайбат накун!

***

Худхоҳ ва мутакаббир набош!

***

Кори хуби дигаронро кори худ нишон надеҳ!

***

Бо падару модарат беҳтарин рафторро ихтиёр кун.

***

Бидон, ки ҳеҷ чиз аз Худованд пинҳон намемонад.

***

Бо мардум ором сухан бигӯ ва фарёд назан!

***

Андарзеро, ки ба дигарон медиҳӣ худат бештар амал кун!

***

Суханро ба андоза бигӯ!

***

Ҳаққи мардумро ба хубӣ адо кун!

***

Рӯзҳои ҷавониро ғанимат бишумор!

***

Марди дунё ва ҳам марди охират бош!

***

Дар маҷолис чашм ва забонро аз гуноҳ боз дор!

Таҳияи **ВОРИС.**

*Панду андарз*

# ХИСЛАТҲОИ НЕКИ ИНСОНӢ ДАР АШЪОРИ БУЗУРГОН

***Ҳар як асари бадеӣ хоҳ афоризм, хоҳ зарбулмасалу мақол ва хоҳ асарҳои назмию насрӣ, як ғоя, фикру мақсадеро баён мекунад. Онро қабул кардан ва ё накардан ба ихтиёри хонанда аст. Саҳми адибон, мутафаккиру олимони бузурги форсизабон дар тарғиби ахлоқу одоби ҳамидаи умумиинсонӣ аён аст. Онҳо ақидаҳои инсондӯстии худро бештар дар шакли панду ҳикмат изҳор намудаанд. Хусусан, панду андарзи адибони оламшумул Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Фаридаддуни Аттор, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон бобати ахлоқу одоб сазовори диққатанд. Тавре ки халқҳои дигар панду ҳикматҳои бузургони худашонро дӯст медоранд, халқи тоҷик низ нисбат ба суханони ҳакимонаи гузаштагони худ, ки дар зиндагӣ чун дастуруламал хидмат кардаанд, эҳтиром дорад. Мо ҳоло ба қадри имкон кӯшиш мекунем, ки он панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳоеро, ки оид ба хулқу атвор, рафтору одоб эҷод шудаанд, аз назар гузаронем.***

### Доир ба майпарастӣ

Мутаассифона, дар байни мо шахсони беирода ва бадахлоқе ҳастанд, ки мунтазам мастӣ карда, интизоми меҳнат ва ҷамъиятиро вайрон мекунанд, ба сари мардум кулфати зиёде меоваранд.

Хусрави Деҳлавӣ фармудааст:

*Чунон бода хӯр, к-аз забардастият,*
*Беҳ аз ҳушёрӣ бувад мастият.*
*Ба андозае хӯр, ки кор орадат,*
*На чандон, ки фардо хумор орадат.*

Ҳувайдост, ки бузургони мо нӯшидани майро тамоман манъ накарда, ба меъёраш нӯшиданро судманд донистаанд. Онҳо дилсӯзона қайд намуданд, ки майро зиёд нӯшида аз ақл бегона шудан, суханҳои беҳуда гуфтан, шӯру ғавғо бардошта, ба одамон азият расонидан, расвои мардум гашта, ҷавонмарг шудан камоли беиродагию ҷоҳилӣ мебошад.

### Аз дилозор ҳама безор

Дар байни мо одамоне ёфт мешаванд, ки аз бемаданиятии худ ва ё мағрурӣ бе ҳеҷ сабаб атрофиёни худро озор дода, онҳоро дилшикаста мекунанд. Дар бораи чунин касон бузургон гуфтаанд:

*Бипарҳез аз ҳар чӣ нокарданист,*
*Наёзор онро, ки ноозурданист.*

**(Абулқосим Фирдавсӣ).**

*Говону харони борбардор*
*Беҳ з-одамиёни мардумозор!*

**(Саъдии Шерозӣ).**

Ба он одамони бемурувват хотирнишон кардани панду ҳикмат ва мақолҳои зер аз фоида холӣ нест. Умари Хайём байте дорад:

*Сад Каъбаи обу гил ба як дил нарасад,*
*Каъба чӣ равӣ, бирав дилеро дарёб!*

### Одоби сухангӯӣ

Дар мақолҳо дуруст гуфта шудааст, ки "Гапи бисёр ба як хар бор ё бисёр гуфтан бори хар аст", ё «Забони сурх сари сабз медиҳад барбод».

*Сухандон ба андеша ронад калом,*
*Ки бе фикр бошад сухан нотамом.*

**(Низомии Ганҷавӣ).**

Пеш аз гуфтан, бояд мулоҳизаву андеша намуд, то ки аз гуфтаи худ пушаймон нагардӣ.

### Росткорӣ ва ростқавлӣ

Ростгӯӣ ва росткорӣ ба иродаву шуури ҳар кас вобаста аст. Ҳама он мисраъҳое, ки дар бораи ростқавлӣ ва росткорӣ гуфта шудаанд, ба ҳақиқати зиндагӣ рост меоянд.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи ростӣ ду байти обдор дорад:

*Аз каҷӣ хезад ҳар ҷо халалест,*
*"Ростӣ-растӣ" некӯ масалест.*
*Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,*
*Рост гӯ, рост шав, рост нишин!*

### Омӯхтани илму дониш

Аҳамияти илм дар инкишофу равнақ ёфтани саноату хоҷагии қишлоқ, дар кушодани асрори табиату коинот ва ҳал намудани мушкилот ниҳоят бузург аст. Дар ин хусус бузургони мо фармудаанд:

*Зи дониш шавад кори гетӣ басоз,*
*Зи бедонишӣ кор гардад дароз.*

**(Камолиддини Биноӣ).**

*Фалакҳоро чу нақши по кунӣ паст,*
*Вале гар донише нагзорӣ аз даст.*

**(Абдулқодир Бедил).**

**Суҳбатҷон НУРАЛИЕВ,**
**муаллими забон ва адабиёти мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**



*Яке аз оилаҳои ҷопонӣ солҳост, ки бо нигоҳубини сагон шуғл меварзанд. Мувофиқи хоҳиши хонуми оила ба сафи сагон гурбаи кӯтоҳмӯйи амрикоӣ ҳамроҳ намуданд. Ба гурба Кики ном гузоштанд ва он ҳамроҳи сагон зиндагӣ дорад. Аҷибаш он аст, ки Кики худро аз тоифаи сагон ҳис мекунад.*

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

***Эй Ҳофизи Шерозӣ,***
***Ту кошифи ҳар розӣ.***

Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Рӯҳбахши ёр» ниҳодем ва онро ҳамроҳ бо шарҳи фолаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» дар соли нави 2021 низ манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.



## РӮҲБАХШИ ЁР

Хилватгузидаро ба тамошо чӣ ҳоҷат аст,
Чун кӯйи дӯст ҳаст, ба саҳро чӣ ҳоҷат аст?

Ҷоно, ба ҳоҷате, ки туро ҳаст бо Худой,
Охир даме бипурс, ки моро чӣ ҳоҷат аст?

Арбоби ҳоҷатему забони суол нест,
Дар ҳазрати карим таманно чӣ ҳоҷат аст?

Мӯҳтоҷи қисса нест, гарат қасди хуни мост,
Чун рахт аз они туст, ба яғмо чӣ ҳоҷат аст?

Эй муддаӣ, бирав, ки маро бо ту кор нест,
Аҳбоб ҳозиранд, ба аъдо чӣ ҳоҷат аст?

Эй ошиқи гадо, чу лаби рӯҳбахши ёр,
Медонадат вазифа, тақозо чӣ ҳоҷат аст?

Ҳофиз, ту хатм кун, ки ҳунар худ аён шавад,
Бо муддаӣ низоъу муҳоко чӣ ҳоҷат аст?

Ҳангоме ки мавриди муҳаббати дӯстдорон воқеъ шудӣ, бояд аҳволи ононро дарк кунӣ, набояд он қадар ба онҳо беэътино (беэътибор) буд, ки гоҳ аз дилтангиҳо гӯянд. Ҳамдам шудан бо ёр комилтарин орзуи ошиқ аст, ки монеи зикри дилтангиҳост.

Таснифи
**Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

*Ҷаҳоннома*

# НАФАҚА ДАР ҚИСМЕ АЗ КИШВАРҲО

***Дар ҳар мамлакат зиёд будани миқдори калонсолон нишонаи хубии зиндагӣ ва дарозумрии аҳолист. Дар ин бобат «пешқадам» – Ҷопон. Маълум, ки онро сарзамини дарозумрҳо низ меноманд.***

Вале дар баъзе кишварҳо аз афзунии ашхоси синни нафақа ташвиш мекашанд, мегӯянд дар мо фоизи муайяни аҳолӣ – нафақахӯр, барои боз ҳам зиёд нашудани солхӯрдаҳо бояд чораҳо андешид. Масалан, дар Украина, назар ба маълумотҳои интернет, соли 2018 18,7 фоизи аҳолии умумиро ашхоси синну соли пенсия ташкил мекардааст. Вазъ ин хел давом кунад, соли 2036 нишондиҳанда 30 фоизро ташкил карданаш мумкин, хулоса баровардаанд тадқиқотчиёни демограф.

Фикр мекунем, қисми муайяни аҳолиро ташкил кардани нафақахӯрҳо ҳолати ногувор, фақат дар ҳамон вазъ, ки таваллуд кам бошад. Дар Аврупо бинобар камии таваллуд мушкилиҳои демографӣ рӯи кор меоянд. Хуб ҳам муҳоҷират ҳаст, аҳолӣ аз ҳисоби муҳоҷирон меафзояд.

Нафақахӯрҳо то миқдоран наафзоянд, аз соли 2016 дар қисме аз мамлакатҳои Аврупо синни нафақабарорӣ барои занон ва мардҳо як хел – 65 муайян карда шуд. Оянда нафақахӯр ҳисобида шудани 70-ро пуркардаҳо ба нақша даромадааст. Яке аз мақсадҳои асосӣ – сарфа кардани даромади мамлакат.

Воқеан, дар хориҷ пардохти нафақа ба аҳолӣ кай оғоз ёфт? Дар таърихи ҷаҳон кадом кишвар пардохти нафақа дар дами пиронсолиро аввалин ба роҳ гузошт?

Дар Империяи Рим аввалин Юлий Сезар ба таъиноти нафақаи синни пирӣ асос гузошт. Дар давраи халифагии ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) низ пардохти нафақа ба фуқарои солхӯрда расм гардид. Аз соли 1673 ба афсарҳои флоти ҳарбии баҳрӣ нафақадиҳӣ оғоз ёфт. Аснои инқилоби бузурги Фаронса (с.1790) қонун дар бораи нафақа қабул гашт. Мувофиқи он хидматчиёни давлатие, ки 50-ро пур карда ва собиқаи кории 30-сола доранд, ба гирифтани нафақа ҳақдор гардиданд. Соли 1825 барои додани нафақа ба амалдорони давлати Пруссия нахустин фонди нафақа таъсис ёфт.

Таъиноти оммавии нафақа дар Олмон бошад, аз соли 1889 ибтидо гирифт. Баъдтар ин гуна тартиб дар дигар кишварҳои Аврупо низ ҷорӣ гашт. Аз ҷумла, дар Дания (аз соли 1891), дар Зеландияи Нав (1898), Австралия (1908), Британияи Кабир (1908), Фаронса (1910), Нидерландия ва Шветсия (1913) ва ғайра.

Дар як қатор кишварҳои қитъаи Амрикои Ҷанубӣ низ тартиби нафақа барои ҳама ҷорӣ шудааст. Аммо дар қитъаи Осиё, масалан, дар Чин ва Ҳиндустон, ки аҳолии зиёд доранд, нафақа танҳо ба ононе, ки дар хидмати давлат буда, ба пирӣ расидаанд, ногиронанд ё саробон гум кардаанд, дода мешавад. Шаҳрвандони оддӣ аз он бенасиб. Дар ҳар як штати Ҳиндустон қонунгузории нафақа ҳар хел аст.

Дар кадом давлатҳо миқдори нафақа бештар? Дар Ирландия аз рӯи индекси 81, Дания (80,3), Австралия (75,3), Финляндия (73,6), Шветсия (72,3), Норвегия (71,2) нафақа муқаррар гардидааст.

ИМА дар ин рӯйхат ҷои 16-умро ишғол менамояд. Қобили қайд аст, ки дар ИМА шахсе, ки дар давоми умр кор накарда ва ба давлат андоз насупурда бошад ҳам, вақте ба синни нафақа расид, ҳар моҳ 300 доллар мегирад. Ҷуз ин боз имтиёзҳои зиёд мавҷуд. Аммо ин гуна нафақахӯрҳо дар мамлакат хеле кам. Зеро андак бошад ҳам бо меҳнат бандбудагон ҳар моҳ 700 долларӣ нафақаи пиронсолӣ мегиранд. Ҷуз ин ба шахсе, ки саробон гум кардааст, имконият дода мешавад, дар манзилҳои бисёрошёна истиқомат намояд. Дар мамлакат аз 67-солагӣ нафақаи пиронсолӣ таъин карда мешавад.

Дар Финляндия камтарин миқдори нафақа – 550 евро. Дар Олмон нафақахӯрҳое, ки ҷои зисти хуб надоранд, аз ҷониби давлат бо манзил таъмин карда мешаванд. Дар ин кишвар пиронсоле, ки ба таври миёна нафақа мегирад, аз ҳисоби пасандоз мошин харидан, ду бор дар кишварҳои дигар саёҳат карданаш мумкин. Миқдори миёнаи нафақа дар Испания – 700-900 евро. Дар Фаронса – 1000 евро. Дар ин кишвар вақте нафақахӯр вафот кард, нафақаи ӯро ҳамсараш баробари нафақаи худ гирифтанаш мумкин.

**Ҳасанхон ОБИДҶОНОВ,**
**муаллими таърих.**

*Латифаҳо*

## ДЕВОНА

Девонае ба дӯсташ арз кард:
– Ман писарамро аз ғиҷир-ғиҷири дандонҳояш халос кардам.
– Чӣ хел?! – бо тааҷҷуб пурсид дӯсташ.
– Дандонҳояшро батамом кандам, – гуфт девона.

## БА ЯК КОСА ҶУРҒОТ

Марде харашро барои фурӯхтан ба бозор мебурд. Дар роҳ ӯ бо марде рӯ ба рӯ шуд, ки косаи ҷурғот дар даст аз бозор меомад.
– Харро мефурӯшӣ? – пурсид роҳгузар.
– Бале!
– Ана ин косаро бигир, ки ман харро як озмуда бинам, агар нағз бошад, мехарам.
Роҳгузар савори хар ғайб зад. Соҳиби он ҳарчанд интизор шуд, ӯ наомад ва бо дили ғаш ба хона баргашт.
– Харро фурӯхтӣ? – пурсид занаш.
– Фурӯхтам!
– Ба чанд?
– Ба як коса ҷурғот, – гуфт мард.

Таҳияи
**Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 791, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.45

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.